Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-
014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимова 64/14)

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Сайфуллозода Сулаймон ба диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи "Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Дар ҷараёни таҳлил муайян карда шуд, ки муҳтавои асосии диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи "**Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ**" ба бандҳои 4.2., 4.4., 4.5., 4.6., 4.9.-и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи "Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ" мувофиқ ба талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия гардида, натиҷаҳои дар рисола бадастомада метавонанд, ки дар баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ва ба ин васила тақвият бахшидани низоми бонкӣ заминаи илмӣ-амалии зарурӣро фароҳам оранд. Бояд қайд намуд, ки рушди бемайлони муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ташаккулёбии иқтисодиёти миллӣ зарурати тақвияти маърифати молиявии аҳолиро пеш овард. Маърифати молиявӣ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили тақвиятбахшандаи фаъолияти молиявии онҳо амри зарурӣ арзёбӣ гардида, дар таҳияи буҷети хонавода, истифодаи мақсадноки захираҳои пулӣ,

дастрасӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ ва идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ нақши беандоза дорад. Аз ин рӯ, маърифати молиявӣ ҳамчун омили тақвиятбахшандаи ҳамкориҳои низоми бонкӣ бо аҳолӣ баромад намуда, пешрафти хоҷагии халқи мамлакатро заминагузор мебошад.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ва тақвияти минбаъдаи он дар илми иқтисодии ватанӣ таҳқиқотҳо кофӣ нестанд. Бо ҳамин сабаб муҳим аст, ки масъалаи баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ҳамчун омили таҳрикдиҳандаи фаъолияти низоми бонкӣ мавриди таваҷҷуҳи бештар қарор гирад ва дар ин самт корҳои илмӣ бештар роҳандозӣ гарданд. Маърифати молиявӣ, ки ҷанбаҳои муҳими назариявӣ-амалиро доро мебошад, дар бар гирифта, ҷиҳати тақвияти минбаъдаи он таҳқиқотҳои амиқи илмӣ зарур мебошад. Маҳз масъалаҳои номбурда мубрамияти мавзуи Ибодов Аваз Ҳасановичро нишон медиҳад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада.**

Навгониҳои илмии тадқиқотии диссертатсияи Ибодов А.Ҳ., на танҳо дар самти асосноккунии ҷиҳатҳои методӣ ва назариявии маърифати молиявӣ, балки тавсияи хуби таҷрибаи хориҷӣ ва чандин механизмҳо ва нишон додани самтҳои афзалиятноки баландбардории маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди фаъолияти бонкӣ зоҳир мегардад.

Таҳлил нишон дод, ки натиҷаҳои зерини муҳими бадастовардаи муаллиф воқеан унсурҳои навгонии илмӣ доранд:

1. Ошкор карда шудани нуктаҳои муҳими фарқкунандаи маърифати молиявии аҳолӣ ва таъсири он ба рушди низоми бонкӣ дар заминаи таҳлили ҳаматарафаи асосҳои назариявию методӣ аз дидгоҳҳои олимони ватанӣ ва олимони хориҷӣ.

2. Асоснокқунии таъсири омилҳои гуногунсатҳ ба ҷараёни баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ, маълум кардани омилҳои боздорандаи раванди густариши он, гурӯҳбандии омилҳои асосӣ ба 3 гурӯҳ ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои манфӣ.

3. Таҳия ва пешниҳоди маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати ҷалби таваҷҷуҳи шаҳрвандон ба масъалаи маърифати молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи

огоҳии шаҳрвандон дар бораи зарурати такмили дониши молиявии худ, таъмини амнияти иқтисодии хонаводаҳо, тарбияи фарҳанги қабули қарорҳои масъулиятноки мустақилонаи хонаводаҳо дар соҳаи иқтисод ва молия, ташаккули тафаккури нав ва рафтори фаъоли иқтисодии шаҳрвандон.

4. Муайян карда шудани нақши маърифати молиявии аҳолӣ дар таҳкими фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар асоси таҳлили вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули нишондиҳандаҳои молиявии он, асосноккунии имкониятҳои ба роҳ мондани ҳамкории густурдаи аҳолӣ бо низоми бонкӣ.

5. Ошкор шудани хусусиятҳо ва равишҳои муосири ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ, даромаднокии хонаводаҳо дар Тоҷикистон, таҳлили дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳову маҳсулотҳои бонкӣ дар ҳудуди мамлакат, исбот шудани он, ки дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ метавонад савияи донишҳои молиявии аҳолиро тақвият бахшад ва ҳаҷми сандуқи пасандозии низоми бонкиро афзоиш диҳад.

6. Исбот гардидани нақши калидии давлат дар баландбардории сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, вобастагии таҳкими маърифати молиявии аҳолӣ аз қабули барномаҳову стратегияҳои гуногунсатҳ, коркарди роҳҳои тақвияти маърифати молиявии аҳолӣ ва дурнамои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти назариявии кори диссертатсиониро таҳлил ва ҷамъбастии ақидаҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ, олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба ташаккули маърифати молиявии аҳоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои ташаккулу такмили маърифати молиявии аҳолӣ фарогир мебошад. Таҳқиқотҳои методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳои дигар оиди

масоили ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии ташаккули маърифати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омори расмӣ, маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар маълумотҳои расмӣ асос ёфтаста. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои амалии гузаронидашуда ва тавсияҳои амалии барои ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ метавонанд дар низоми идоракунии Бонки миллӣ, Вазорати молия ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, инчунин барои муҳақиқони ватанию хориҷӣ ва институтҳои муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ хизмат кунанд

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт аз 159 номгӯй иборат мебошад. Диссертатсия аз 177 саҳифаи матни чопӣ иборат буда, 6 диаграмма, 5 расм, 24 ҷадвалро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии онҳо инъикос ёфтаанд.

Боби якуми диссертатия бо номи «Асосҳои назариявии ташаккули маърифати молиявӣ дар иқтисодиёт» дар доираи боби мазкур муаллиф моҳият ва зарурияти маърифати молиявӣ дар иқтисодиёт, омилҳои таъсирбахш ба ҷараёни ташаккули маърифати молиявӣ, инчунин таҷрибаи хориҷии тақвияти маърифати молиявии аҳолӣ ва аҳамияти он дар рушди низоми бонкӣ баррасӣ ва омӯзиш намудааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таҳкими маърифати молиявии аҳолӣ тақозои замони муосир ба ҳисоб рафта, раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамиро ривоҷ мебахшад. Бо баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ ҳамҷоя бозори молиявӣ рушд карда ба низоми бонкӣ

пасандозҳои аҳолӣ бештар ҷалб мегарданд. Илова ба ин, амалиёти дигари бонкӣ ба таври самаранок роҳандозӣ гардида, доду гирифти молиявӣ, амалиёти қарзӣ, муносибатҳои молиявӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон густариш меёбанд (саҳ. 16-21).

Аз таҳқиқоти гузаронида шуда маълум мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими маърифати молиявии аҳолӣ дар мадди назари давлат қарор дорад ва дар ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои қарзӣ ва байналхалқӣ ҷиҳати баландбардории он тадбирандешӣ шуда истодааст. Муаллиф қайд мекунад, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 маърифати молиявии аҳолӣ ва тақвияти минбаъдаи он инъикос ёфтааст ва таҳкими он зарур арзёбӣ карда мешавад (саҳ. 31-35).

Дар доираи боби мазкур муаллиф маърифати молиявии аҳолӣ дар кишварҳое ба монандӣ: ИМА, Британияи Кабир ва Австралия ба таври назаррас рушд ёфтааст ва аҳолӣ бо ташкилотҳои қарзӣ, бозорҳои молиявӣ алоқамандии наздик дошта, тартиби истифодаи асбобҳои молиявӣ ва дигар амалиёти молиявӣ-бонкиро ба таври зарурӣ ба анҷом расонида метавонад таҳлил намудааст. Инчунин қайд мекунад, ки дар ин кишварҳо масъалаи баландбардории маърифатнокии молиявии аҳолӣ муҳим шуморида мешавад ва банномаҳову стратегияҳои зиёде коркард гардидаанд. Пас аз таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оид баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, муаллиф таҷрибаи он давлатҳоро барои истифода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст (саҳ. 40-59).

Боби дуюми таҳқиқот «Таҳлили вазъи муосири низоми бонкӣ ва таъсири маърифати молиявии аҳолӣ ба инкишофи он» дар доири боби номбурла нақши маърифати молиявии аҳолӣ дар рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ гузаронидааст, ҳолати даромаднокии хонаводаҳо таҳлил гардида, мавқеи он дар болоравии ҳаҷми пасандозҳои низоми бонкӣ баҳогузорӣ кардааст, инчунин, вазъи дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ-молиявӣ мавриди таҳлили амиқ қарор додааст.

Ба ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ қайд мекунад, ки рушди иқтисодӣ миллӣ, афзоишёбии такрористеҳсолот дар низоми

хоҷагидорӣ, васеъгардии доираи хизматрасониҳои бонкӣ, коркарди маҳсулотҳои нави бонкӣ, тақвияти рақмикунонии иқтисодиёт ва инкишофи хоҷагии халқи мамлакат аз фаъолияти густурдаи низоми бонкии мамлакат ва дараҷаи маърифати молиявии аҳолӣ вобастагии бевосита дорад. Алалхусус, дар ҳолати бухронҳои молиявӣ ва ноустувор гардидани вазъи иқтисодии мамлакат, аҳолии дорои саводи кофии молиявӣ метавонад, ки иқтисодиётро аз осеби зиёд нигоҳ дорад. Дар баробари ин, таҳкими нишондиҳандаҳои бонкӣ, даромаднокии бонкҳо ва рақобатнокии онҳо дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо маърифати молиявии аҳолӣ алоқаманд мебошад (саҳ. 62-79).

Муаллиф қайд мекунад, ки таи солҳои охир даромади пулии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба афзоиш ниҳодааст, ки аз беҳтар гардидани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолиро нишон медиҳад. Сафарбаркунии даромади аҳолӣ барои пасандозгузорӣ пеш аз ҳама сатҳи маърифатнокии аҳолӣ вобаста мебошад. Омили дуюм дар ин самт ҳаҷми даромаднокии аҳолӣ ба шумор меравад. Аммо, ба андешаи муаллиф барои пасандозгузорон новобаста аз сатҳи даромаднокӣ пеш аз ҳама саводнокии молиявӣ зарур мебошад. Вобаста ба гуфтаҳои боло, нақши давлатро дар ин самт метавонад баланд арзёбӣ намоем (саҳ. 84-91)

Дар доираи боби сеюм, ки «Самтҳои асосии такмилдиҳии маърифати молиявӣ ва нақши он дар таҳкими низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст, муаллиф тадбирҳо оид ба такмили нақши давлат дар баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ тавсия намудааст, усулҳои баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ва барномаҳои зарурӣ дар ин самт тавсия гардонидааст, раванди рушди мӯътадили маърифати молиявии аҳолӣ ва таъсири он ба низоми бонкӣ муайян кардааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки тамоюли рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди босубот аҳолии аз нигоҳи молиявӣ саводнок ва аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро талаб мекунад. Ин фаъолият бояд тавассути иштироки васеи табақаҳои гуногуни аҳолӣ дар барномаҳои дарозмуддати нафақа, суғурта ва муносибатҳои молиявию

қарзӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои пасандозҳои нафақа, суғуртаи иҷтимоӣ ва тиббӣ, манзил, маориф ва ғайра нигаронида шудаанд, зоҳир карда шавад. Афзоиши некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд, ки рафтори фаъоли пасандозҳои аҳолӣ дар асоси истифодаи воситаҳои пасандоз ва суғурта низ бояд ташаккул ёбад (саҳ. 123-131).

Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои мукаммалгардонии маърифати молиявии аҳолӣ, аз тарафи муаллиф таҳияи як қатор унсурҳои ба сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ таъсиррасонанда мушаххас карда шуд, ки метавонанд дар таҳкими низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши арзандаро бозанд (саҳ. 134-141).

Дар доираи боби мазкур муаллиф қайд мекунад, ки масъалаи дигаре, ки барои ҳар як хонавода ва муҳим арзёбӣ мегардад ва аҳолӣ ба он камтар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, ташкли буҷеди хонавода ва банақшагирии он маҳсуб меёбад. Ташкили буҷети хонавода ва муҳимияти он бояд дар доираи баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ба онҳо фаҳмонида шавад. Тартиби банақшагирии буҷети хонавода, тарҳрезии хароҷотҳо дар асоси даромади этимолӣ, таҳлили хавфҳои молиявӣ бояд омӯзонида шаванд. Дар ин самт амали маъмул ин ташкили ҷадвали даромадҳо ва хароҷотҳои оила дониста мешавад (саҳ. 143-149).

**5. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

Аҳамияти мустақили амалӣ дар таҳияи диссертатсия, ки нуктаҳои ҳимояшаванда мебошанд инҳоро дар бар мегиранд.

- асосҳои назариявии маърифати молиявии аҳолӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таърифи муаллифии маърифати молиявӣ пешниҳод гардидааст;

- омилҳои ба раванди баландбардории маърифати молиявии аҳол таъсиррасон гуруҳбандӣ гардида, роҳу усулҳои пешгирӣ ва коҳишдиҳии таъсироти манфии онҳо тавсия гардидаанд;

- таҷрибаи кишварҳои пешрафта вобаста ба ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷанбаҳои муҳими онҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд;

- сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ ва ҳамкориҳои аҳолӣ бо низоми бонк таҳлил гардида, мушкилоти рушди он мушаххасан пешниҳод гардидааст;

- самтҳои афзалиятноки ташаккули маърифати молияви аҳолӣ муайян гардида, накши давлат дар болоравии маърифати молиявии аҳолӣ баҳогузорӣ шудааст;

- усулҳои баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ва ҳамкориҳои густурдаи он пешниҳод карда шуд.

**6. Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Доир ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақола (дар ҳаҷми 2,3. ҷ.ч.) ба нашр расидааст, ки аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**7. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгириии диссертатсия.**

1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда ба пуррагӣ инъикос наёфтааст. Маълумотҳое, ки дар диссертатсия мавриди истифода қарор гирифтаанд, бояд дар мубрамияти мавзуъ дар шакли комил оварда мешуданд;

2. Дар қисми назариявии диссертатсия (Боби 1) муаллиф бештар ба маърифати молиявии аҳолӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, аммо мушаххасан дигар истилоҳҳоро ба монандӣ: “саводнокии молиявӣ”, “фарҳанги молиявӣ” ва аҳамияти онҳо ҳангоми ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ пажуҳиш накардааст;

3. Корҳои илмии олимони ватанӣ зимни таҳқиқот камтар истифода шудаанд. Ҳангоми пешбурди таҳқикот муаллиф, бояд ба корҳои илмии оломони ватанӣ дар ҷодаи маърифати молиявии аҳолӣ ва таъсири он ба рушди низоми бонкӣ бештар таваҷуҳ зоҳир менамуд;

4. Вазъи муосири низоми бонкӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ (Боби 2) ва таъсири маърифати молиявии аҳолӣ дар ташаккули нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ шарҳ дода нашудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо ҳамаи** он вазифаҳое, ки оид ба мавзуи таҳқиқшаванда дар назди унвонҷӯ гузошта шуда буд, ба пуррагӣ иҷро шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба муайян намудан ва арзёбии нишондиҳандаҳои асосии ташаккули маърифати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ба шумор рафта, коркард, таҳлил ва тавсияву хулосаҳо доир ба омӯзиши таҳлилии онҳо иборат мебошад. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

**8. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Муқаррароти кори илмӣ-таҳқиқотӣ, асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда шаҳодат аз он медиҳанд, ки муаллиф аз назарияи олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаҳои маърифати молиявӣ истифода намуда, дар асоси гуфтаҳои онҳо роҷеъ ба паҳлуҳои асосии масъалаи мазкур нуқтаҳои назари худро пешниҳод намудааст.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки эродҳои қайдкардашуда ҷиддӣ набуда, онҳо ислоҳшавандаанд ва хусусияти тавсиявӣ дошта ба сатҳи баланди илмию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи “Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**9. Хулосаи ҷамбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи “Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ” дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқаризи расмӣ, муовини Раиси**
**Раёсати ҶСП “Спитамен Бонк”, н.и.и., Сайфуллозода С.**

**Имзои муовини Раиси Раёсати**
**ҶСП “Спитамен Бонк”, н.и.и.,**
**Сайфуллозода Сулаймонро тасдиқ**
**менамоям, Сардори Департаменти кадрҳо Мирзоева Л.**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ-4
Телефон: (992) 446406565
www.spitamenbank.